«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ
ва хизмат номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент_______________ Асрорзода У.С.
«___30___»_____01________2021с

**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

## ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Қурбонов Шайдулло Ятимович дар мавзӯи **«Мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)»**, ки барои дарёфти дараҷаи номзадии илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05- иқтисодиёт ва идораи хоҷагии халқ (менеҷмент) пешниҳод шудааст.

1. **Муҳиммияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсия**

Дар охирҳои асри XX ва аввали асри XXI, вақте ки иқтисоди давлатҳо бо ҳам омезиш меёбад, ҷараёни ҳамгирой ва ҷаҳонишавӣ вусъат пайдо намуда, раванди босуръати рушди соҳаҳои хизматрасонӣ ба чашм мерасад. Дар баробари дигар бахшҳои хизматарсонӣ, сайёҳӣ низ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисоди ҷаҳонӣ ба таври назаррас ташаккул меёбад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки танҳо мавҷудияти иқтидорҳои сайёҳӣ, табиӣ ё антропогенӣ нишонаи рушди соҳаи сайёҳӣ нест. Ба ташаккулу пешрафти он ба сифати фишанги асосии таъсиррасон идоракунии илман асоснокшуда низ баромад карда метавонад. Солҳои охир вобаста ба дуруст роҳандозӣ намудани ташкили сайёҳӣ як қатор кишварҳо маҳз аз ҳисоби ин соҳа афзоиши назарраси иқтисоди миллиашонро таъмин намуда, самтҳои дигари онро, ки ба сайёҳӣ ба таври ғайримустақим алоқамандӣ доранд, ривоҷ доданд.

Яке аз афзалиятҳои дигари сайёҳӣ ин таъмини шуғл мебошад. Раванди ташаккули сайёҳӣ ба пастшавии шиддати бекорӣ таъсир расонида, дар

навбати худ ба болоравии вазъи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат менамояд, ки ин раванд ифодагари хусусияти иҷтимоӣ доштани сайёҳӣ мебошад.

2. **Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаву пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия омадаанд.**

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажуҳиш, бахусус, равишҳои илмии самти соҳаи сайёҳӣ, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, вай ба натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти назария ва амалияи соҳаи сайёҳӣ ноил гардад, пешниҳодҳои илмиву амалӣ дар ҷодаи такмили роҳҳо ва методҳои баланд бардоштани самаранокии ин соҳа коркард намояд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмияти онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони барҷастаи ватаниву хориҷиро дар идоракунии рушди сайёҳӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ роҳҳои такмил додани рушди сайёҳӣ дар шароити муосир васеъ истифода шудаанд, махсусан: мафҳум ва моҳияти идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ аз нигоҳи илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, назарияи олимони соҳавӣ тавсиф карда шуда, дар асоси таҳлилҳои илмӣ муайян карда шуд, ки идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ категорияи гуногунҷабҳа буда, механизми дурусти татбиқи он таҳқиқ гардида пешниҳод шудааст, хулосабарорӣ, таҳлили маълумотҳои оморӣ ва ҷадвали маводҳои аслӣ.

Заминаи иттилоотии тадқиқоти илмиро дастурҳо, баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, маводҳои тадқиқотӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи “Internet” ташкил додаанд.

Шиносоӣ бо кор нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзӯи тадқиқот, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади тадқиқот ҷамъ оварда, онҳоро кордард ва таҳлил намудааст.

3. **Саҳеҳӣ ва навгонии тадқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда**

Ба назари мо, элементҳои навгонии тадқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳҳои илмии аз тарафи муаллиф гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳад, чунинанд:

Якум, мафҳум ва моҳияти идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ аз нигоҳи илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, назарияи олимони соҳавӣ тавсиф карда шуда, дар асоси таҳлилҳои илмӣ муайян карда шуд, ки идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ категорияи гуногунҷабҳа буда, механизми дурусти татбиқи он таҳқиқ гардида пешниҳод шудааст;

Дуюм, тадқиқотҳои илмӣ собит намуд, ки нақш ва хусусиятҳои сайёҳӣ дар ташаккули иқтисоди миллӣ бузург буда, ба сифати суръатфизои рушди иқтисодӣ баромад намуда муайян, карда шуд, ки пешрафти иқтисодӣ ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва баръакс рушди соҳаи сайёҳӣ ба пешрафти иқтисодӣ мусоидат менамояд;

Сеюм, ҳолати муосири рушди соҳаи сайёҳӣ таҳлил гардида, дар заминаи нишондодҳои иқтисодӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ дурнамои соҳаи сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 муайян карда шуда, собит гардидааст, ки рушди соҳаи сайёҳӣ яке аз ҳадафҳои муҳими стратегӣ баромад намуда метавонад, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии рушди соҳаи сайёҳӣ бо истифода аз усулҳои гуногуни илмӣ таҳлил гардида, самаранокии маҳсулоти сайёҳӣ тариқи тавсия ва пешниҳодҳо оварда шудаанд;

Чорум, дар раванди тадқиқот таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи сайёҳӣ оид ба фишангҳо ва роҳҳои идоракунии соҳаи сайёҳӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, истифодаи самтҳои асосии такмилёбии

идоракунии сайёҳӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, роҳҳои мукаммалгардони идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ таҳлил ва таҳқиқ гардида, дар заминаи он асосноксозии дастгирии давлатии соҳаи сайёҳӣ ба таври пешниҳодҳои илмӣ оварда шуда, муайян карда шуд, ки давлат дар рушди соҳаи сайёҳӣ нақши калидиро иҷро менамояд;

Панҷум, чорабиниҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ асоснок гардида, муайян карда шуд, ки такмилдиҳии идоракунии соҳаи сайёҳӣ тавассути қабули стратегияи дарозмуддат барои давраи то соли 2030 ба рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат намуда, самтҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ бо истифода аз моделҳои иқтисодию риёзӣ коркард ва пешниҳод гардидаанд.

Дар сарсухани диссертатсия муҳиммияти мавзӯъ, сатҳи коркарди он, ҳадаф ва вазифаҳо гипотезаҳои диссертатсия ва ғайра муаяйн карда шудааст.

Боби якум **“Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии тадқиқоти идоракунии сайёҳии Тоҷикистон”** ҷанбаҳои назариявии идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шуда, таҳқиқи омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди сайёҳӣ ва методологияи идоракунии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, ҳамчунин муаммоҳо ва пешомадҳои рушди соҳибкории хурду миёна дар маҷмааҳои меҳмонхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аниқ карда шудаанд. Дар рисола дар партави омӯзиши назарияи илмӣ доир ба нақши соҳаи сайёҳӣ дар пешрафти иқтисодиёт, муҳиммияти идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ, ҳолат ва дурнамои тиҷорати идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Муаллиф таъкид намудааст, ки муҳим будани ҳалли муаммоҳои зикршуда дар марҳилаи кунунии рушди соҳаи сайёҳӣ ҳамчун шакли фаъолият бахши муҳими иқтисодӣ буда, дорои

хусусиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсиест, ки барои қонеъ намудани талаботҳои ҳамарӯзаи истироҳатӣ, фароғатӣ, шиносоӣ, касбӣ, динӣ, солимгардонӣ ва беҳдоштӣ равона гардидааст Дар замони муосир пешрафти ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ пеш аз ҳама аз идоракунии дуруст вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои муҳим идоракунии соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад ва зарурияти таҳлилу тавсифи мафҳуми идораи сайёҳӣ ба миён омадааст. (с.10-15).

Дар асоси тадқиқоти муосири илмӣ, дар рисола ҳалли муаммоҳо дар марҳилаи кунунии рушди соҳаи сайёҳӣ зарурати баррасӣ, тавзеҳ ва илова намудани муносибатҳоро ба идоракунии фаъолиятнамоии **бахши сайёҳиро** дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба миён меорад.

Дар боби дуюм «**Таҳлили ҳолати муосир ва тамоюли рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».** Вобаста ба ин дар боби мазкур вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуда, асосҳои институтсионалии идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда шуда, нақши соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Дар рисола самтҳои асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар самти меҳмонхонавӣ таҳлил шудааст. Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки яке аз ташкилдиҳандаҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин соҳибкорӣ дар соҳаи меҳмонхонадорӣ мебошад, ки солҳои охир бо суръати баланд рушд мекунад. Соҳибкорӣ дар соҳаи меҳмонхонадорӣ дар ҳудуди мамлакат, яке аз намудҳоиояндадори тиҷорат мебошад, ки ба меъёрҳои ҷаҳонӣ майл мекунад.

Муаллиф таъкид намудааст, ки дар байни меҳмонхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аксари зиёди утоқҳо дар доираи меҳмонхонаҳои чор ва панҷ ситора ҷойгир шудаанд. Меҳмонхонаҳои хусусӣ ва давлатӣ дар шаҳрҳои калон амал мекунанд (Душанбе, Хуҷанд, Исфара, Турсунзода, Қӯрғонтеппа ва Кулоб). Бояд гуфт, ки меҳмонхонаҳое, ки дар Душанбею Хуҷанд амал мекунанд бо сабаби тарифҳои гарони

утокҳо ҳато дар фаслҳои ба таври омадани сайёҳон аз 50% зиёд пур намегарданд. Дар шаҳрҳои боқимонда утоқҳои меҳмонхонаҳо ба стандартҳои замонавии байналмилалӣ мувофиқат намекунанд ва бо вуҷуди ин аз нархҳои аксари зиёди кишварҳои Аврупо баландтар мебошанд. (с.58-63).

Дар диссертатсия асосҳои институтсионалии идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки дар натиҷаи таҳқиқоти гузарондашуда соҳаи сайёҳӣ дар замони муосир яке аз самтҳои сердаромадтарини иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум накши муҳим дорад. Аз ин рӯ, ташкили шароити мусоид барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва такмили сиёсати давлатии идоракунии соҳа аз ҷумлаи афзалиятҳои муҳими сиёсати иқтисодию иҷтимоии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Таҳияи стратегияи самарабахши пешниҳоди хизматрасонӣ ба харидори эҳтимолӣ, на танҳо маънои дарёфти масири кӯтоҳтаринро барои истеъмолкунанда, балки инчунин паст кардани хароҷоти маркетингии онҳо ва баланд бардоштани рақобатпазириашонро дар бозорҳои хизматҳои меҳмоннавозӣ ифода мекунад.

Қайд карда шудааст, ки дар сурати молиякунонӣ ё маблағгузории буҷавӣ ба соҳаи сайёҳӣ, дар давоми панҷ сол соҳаи мазкур ба яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ табдил меёбад, аммо дар сурати ночиз будани маблағгузорӣ рушди соҳа ғайриимкон мебошад. Ҳамзамон, рушди сайёҳӣ ба комплекси нақлиёт низ таъсири амиқ расонида, боиси васеъгардии роҳҳо ҳамчун яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодӣ, мегардад. Рушди сайёҳӣ ба кушодашавии бозорҳои нав, барои маҳсулотҳои ғайрисайёҳӣ оварда мерасонад. (с.65-86).

Дар боби сеюм **«Самтҳои асосии мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф самтҳои идоракунӣ, баҳодиҳии соҳаи сайёҳӣ ва самаранокии ҳаракати маҳсулоти сайёҳиро ба

роҳ монда, роҳҳои мукаммалгардонии идоракунӣ ва тамоюлҳои рушди сайёҳӣ дар шароити муосирро пешниҳод намудааст.

Дар диссертатсия қайд гаштааст, ки дар баробари омилҳои ба рушди сайёҳӣ мусоидаткунанда ва ба афзоиши шумораи сайёҳони хориҷии ба Тоҷикистон ташрифоваранда, яке аз унсурҳои муҳим ин хусусиятҳои хоси меҳмондории тоҷикона ба шумор меравад. Аз қабул то гусели меҳмон (сайёҳ), муносибати хосаеро тақозо менамояд ва зарур аст то психологияи муошират аз ҷониби кормандони муассисаҳои сайёҳӣ аз худ карда шавад.

Муаллиф дар боби сеюм қайд менамояд, ки мукаммалгардонии идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ, истифодаи навъҳои гуногуни нишондиҳандаҳои баҳодиҳии бахши сайёҳӣ, истифодаи технологияи иртиботию иттилоотӣ, дуруст ба роҳ мондани маркетинги ширкатҳои сайёҳӣ, таъмини робитаи байниҳамдигарии муассисаҳои сайёҳӣ, ҷараёни ҳаракати маҳсулоти сайёҳиро таъмин менамояд. Бинобар ин, чунин низоми нишондиҳандаҳоро метавон ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо, баҳодиҳии сатҳи рушди фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ, бунёди замина барои самтҳои асосию гуногуни сайёҳӣ истифода намуд. (с.105-109).

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ ин таъсири давлат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидории сайёҳӣ ҷиҳати таъмини шароитҳои мусоид ба фишангҳои бозорӣ, татбиқи афзалиятҳои иқтисодӣ-иҷтимоии давлатӣ ва тарҳрезии консепсияи ягонаи рушди соҳаи сайёҳӣ мебошад. Мукаммалгардонии идоракунӣ раванди мураккаб буда, дар худ коркарди сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ, асоснокнамоии мақсад ва вазифаҳои он, самтҳои асосӣ, интихоби усулҳои амалинамоии онро таҷассум менамояд. Хусусияти фарқкунандаи модели муосири идораи сайёҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди он ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ассотсиатсияҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамоянд. (с.110).

Дар диссертатсия таъмини ҳаракати транссарҳадии сармояи иҷтимоӣ, ки ҳангоми ҳамгироии фарҳангӣ ва сайёҳӣ ба миён меояд дарҷ гардидааст.

Дурнамои рушди соҳа на танҳо аз омилҳои дар боло зикргардида, инчунин аз вазъи сиёсӣ дар кишвар ва ҷаҳон, менталитети халқ, воситаҳои молиявӣ, муҳити институтсионалӣ ва ғайра вобаста аст.

Дар хулосаи кор пешниҳодҳои умумӣ ва ҷамъбасти тадқиқот дарҷ гардидаанд.

4. **Муҳиммияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо дар илм ва амалия**

Натиҷаи тадқиқот дар диссертатсия нишон медиҳад, ки мукаммалгрдонии идоракунии рушди сайёҳӣ, категорияи махсуси иқтисодӣ буда, раванди татбиқи амалии он, ба пешрафти соҳа такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Дар асоси тадқиқот ва ташхиси маводҳо роҷеъ ба масъалаҳои мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии зерин пешниҳод мешаванд

Ҳадафи асосии муаллиф асоснок намудан ва таҳияи муқаррароти назариявию методӣ, ташкилию методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ иборат мебошад.

Натиҷаҳои асосии илмии муаллиф такмил додани асосҳои методӣ ва илмию амалии идоракунии соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат иборат мебошад.

Тибқи ақидаи муаллиф Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо хусусиятҳои махсуси иқтидорҳои сайёҳиаш тавсиф карда шавад. Пеш аз ҳама ин дар набудани фосилаҳои зиёди байни ноҳияҳо, ки ташаккулдиҳандаи захираҳои соҳа ба шумор меравад, зоҳир мегардад. Қариб ҳамаи ноҳияҳои ҷумҳурӣ дорои имкониятҳои баланди сайёҳӣ, пеш аз ҳама самти рекреатсионӣ мебошанд. Аз ин рӯ, онҳоро барои муассисаҳое, ки дар бозори хадамоти сайёҳӣ фаъолият менамоянд муаррифӣ намудан

мумкин аст. Аз ин хотир, ташаккули бозори муосири сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба раванде, ки аз барномаҳою чорабиниҳое, ки дар асоси принсипҳои ягонаи методию методологӣ бар меоянд, такя намояд. Он бояд самтҳои асосии сиёсати идоракуниро дар бахши сайёҳӣ таҷассум намояд ва дар чаҳорчӯбаи моделҳои коркард ва арзаи барномаҳои рушди соҳа мушаххас гардад.

Натиҷаҳои илмие, ки дар муаллиф ба даст овардааст, ҳам аҳамияти назариявӣ ва ҳам амалӣ дошта, асосҳои методии таҳлили ҳамаҷониба ва арзёбии фаъолияти корхонаҳои хоҷагии меҳмонхонаро ташкил медиҳанд. Аҳаммияти амалии кори илмӣ аз рушди соҳаи сайёҳӣ омили нисбатан пурикдтидори таъсиррасон ба сохтори иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва табиӣ-экологии ҳудудҳои қабулкунанда, мебошад. Ин таъсиррасонӣ дар шаклҳои муайян мушоҳида мегардад:

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар раванди таълим дар омӯхтани фанҳои «Асосҳои сайёҳӣ», «Ташкили хизматрасонӣ», «Идоракунии сифати хизматҳои сайёҳӣ», «Асосҳои меҳмоннавозӣ», «Таъмини бехатарӣ дар сайёҳӣ» ҷорӣ карда шудаанд.

5. **Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он ва эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия**

Албатта, таткиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарриз дорои як қатор носаҳеҳое аст, ки умуман, наметавонад сифати илмӣ ва меҳнати илмии муаллифро коста намояд. Эроду дархости муқарриз чунин аст:

1. Дар боби якум на ҳамаи ҷанбаҳои идоракунии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шудаанд. Махсусан, масъалаи идоракунии рушди сайёҳӣ ва истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ мавриди таҳлил қарор дода нашудааст.

2. Хуб мешуд, ки дар кори диссертатсионӣ дар оид таъсиси кластерҳои сайёҳӣ ҳамчун омили муҳими рушди соҳаи сайёҳӣ масъалагузорӣ карда мешуд.

3. Сифати кор боз ҳам мукаммалтар мегардид агар муаллиф ҳангоми таҳлили таҷрибаи хориҷии рушди соҳаи сайёҳӣ бештар ба давалтҳои ҳамсоя аз қабили Ӯзбекистон ва Қирғизистон таваҷҷӯҳ зоҳир менамуд. Зеро хусусияти рушди сайёҳӣ дар ин кишварҳо бештар бо Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад.

4. Дар кори дисертатсионӣ иқтибос аз олимони ватанӣ нисбатан кам ба назар мерасад.

5. Таркиби кор дорои баъзе ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ аст.

Эроду дархостҳое, ки дар боло зикр шудаанд, сатҳи назариявию амалии тадқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳад. Дар умум, диссертатсия тадқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои самаранокии истифодабараии омилҳои истеҳсолот дар соҳаҳои минтақа тавсиф менамояд.

**6. Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Асарҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ дар 15 нашрияи муаллифӣ дар 3.88 ҷузъи чопӣ, аз он ҷумла 5-тоаш дар маҷаллаҳои илмие, ки дар феҳрасти маҷаллаҳои тақришавандаи КОА қайд шудааст, ба нашр расидаанд. Натиҷаҳои тадқиқот дар чандин конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ ва дар конфронсу семинарҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (солҳои 2015-2019) мариди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**7. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Дар автореферати рисолаи номзадӣ мақсад ва муҳтавои тадқиқот, навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд, ҷой гирифтааст.

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баён диссертатсия дар мавзӯи **«Мукаммалгардонии идоракунии рушди сайёҳӣ дар шароити муосир (дар**

**мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)»** бешубҳа, кори илмиву тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммоҳои илмӣ, ки аҳамияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди иқтисоди ватанӣ доро аст, комилан ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Аз ин лиҳоз, муаллифи он Қурбонов Шайдулло Ятимович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯи ихтисоси 08.00.05.- иқтисодиёт ва идораи хоҷагии халқ (менеҷмент) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондории Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат муҳокима ва тасдиқ шудааст. (Суратҷаласаи кафедра №6 аз 29- уми январи 2021 сол).

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондорӣ Қурбонов Ё.С., омода карда шудааст.

Раисикунанда: номзади илмҳои иқтисодӣ, Қурбонов Ё.С.

Эксперт: номзади илмҳои педагогӣ,
Дотсент Ашуралиев М.И.

Котиб: Саломова М.

Имзои Қурбонов Ё.С.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус __________ Ҷураев Ш.Н.